*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

22 майи соли 2021

№ 9-10 (139-140)

# ИҚТИБОСҲО АЗ СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МУЛОҚОТ БО ҶАВОНОНИ КИШВАР



**Ҷавонони муҳтарам ва ҳозирини гиромӣ!**

Ҳар сол 23-юми моҳи май мо яке аз ҷашнҳои муҳимми Тоҷикистони соҳибистиқлол – Рӯзи ҷавононро таҷлил менамоем.

Ба ин муносибат кулли ҷавонони кишвар ва ҳамаи шумо – ҳозирини гиромиро, ки такягоҳи боэътимоди давлат мебошед, самимона табрик мегӯям.

Ҳанӯз 17-уми марти соли 1994 мулоқоти нахустини ман бо ҷавонон ба ҳайси Сарвари давлат ва Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Анҷумани якуми Иттифоқи ҷавонон доир гардида буд.

***

Хомӯш кардани алангаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, сарҷамъу муттаҳид сохтани ҷавонон дар он давраи бисёр сахту сангин ва ба фаъолияти созанда сафарбар намудани онҳо масъалаву вазифаҳои асосии мулоқоти мо буданд.

Умуман бояд гуфт, ки кор бо ҷавонон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва ба фаъолият оғоз намудани ҳукумати қонунӣ аз ҷумлаи самтҳои афзалиятнок ва муҳимтарини сиёсати давлат эълон гардида буд.

Яъне ҳанӯз аз рӯзҳои нахустин банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳо барои ҷавонони кишвар таҳти таваҷҷуҳ ва назорати доимии Ҳукумати мамлакат қарор дода шуд.

Бинобар ин, моҳи майи соли 1997 қарори Ҳукумати мамлакат доир ба таъсиси Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, санаи 23 май ҳамчун Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон эълон карда шуд.

***

Қобили зикри махсус аст, ки Тоҷикистони мо тибқи таҳлилҳои Хазинаи нуфуси Созмони Милали Муттаҳид аз ҷумлаи кишварҳои дорои афзалияти ҷавонон буда, синну соли миёнаи аҳолии он 22,5 солро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, тибқи маълумоти оморӣ зиёда аз 70 фоизи аҳолии кишварро ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳанд ва маҳз ба ҳамин хотир Тоҷикистон мамлакати ҷавонон ба ҳисоб меравад.

***

Бояд гуфт, ки дар шароити пешрафти босуръати илму техника ва технологияҳо масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифату саводнокии ҷавонон ва ба омӯзиши илму донишҳои замонавӣ фаро гирифтани онҳо аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини мо ба ҳисоб меравад.

***

Мо бо мақсади баланд бардоштани шавқу завқи ҷавонон ба омӯхтани илму дониш, пеш аз ҳама, илмҳои табиӣ, риёзӣ ва дақиқ, кашфиёту навоварӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии онҳо ва ҳавасманд гардонидани ҷавонони болаёқату соҳибмаърифат, ки метавонанд дар оянда барои пешрафти давлат ва ҷомеа саҳми босазо гузоранд, стипендия ва ҷоизаҳои гуногун таъсис додем.

Аз ҷумла ҳанӯз моҳи феврали соли 1998 стипендияи Президенти Тоҷикистон барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёна ва олии касбӣ ва моҳи марти соли 1998 ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавоне, ки дар соҳаи илму техника корҳои намоён анҷом додаанд, таъсис дода шуд.

***

Барои маълумоти ҷавononе, ки он рӯзҳо дар синни кӯдакӣ буданд ва аз вазъи воқеии он солҳо хабар надоранд, иброз медорам, ки соли 1998 мо дар ҳолати ниҳоят вазнини сиёсиву иҷтимоӣ ва буҳрони бисёр шадиди иқтисодиву молиявӣ қарор доштем.

Бо вуҷуди чунин вазъият мо барои дастгирии наврасону ҷавонон чунин иқдомро амалӣ намудем.

***

Соли гузашта дар асоси дастури Роҳбари давлат зимни мулоқот бо масъулини соҳаи илму маориф ва аҳли зиёи кишвар шумораи стипендияҳои президентӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз 400 ба 3000, шумораи чунин стипендияҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз 100 ба 500 ва барои аспирантони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ аз 15 ба 50 расонида шуд.

***

Инчунин, барои дар сатҳи байналмилалӣ омода намудани мутахассисони ҷавон мо стипендияи байналмилалии «Дурахшандагон»-ро таъсис додем.

Ба роҳ мондани таҳсили ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии кишварҳои хориҷӣ яке аз ибтикороти муҳимми Ҳукумати мамлакат дар самти рушди илму маориф ва ғамхорӣ нисбат ба ҷавонон маҳсуб меёбад.

Ҳоло дар хориҷи кишвар беш аз 40 000 нафар донишҷӯ, магистр, аспирант ва докторантҳои мо ба таълим фаро гирифта шудаанд.

***

Мо бояд минбаъд низ тавассути стипендияи байналмилалии «Дурахшандагон», барномаҳои байналмилалӣ, бурсияҳо ва дигар имконоти мавҷуда таҳсили ҷавонони боистеъдодро дар хориҷи мамлакат вусъат бахшем ва барои иқтисоди миллии худ кадрҳои дорои сатҳи баланди касбият ва ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои байналмилалиро омода намоем.

***

Ҳамчун бистсолаи омӯзиши илмҳои табиӣ, риёзӣ ва дақиқ эълон гардидани солҳои 2020-2040 заминаҳои ҷалби бештари ҷавононро ба самтҳои мазкур фароҳам овард.

***

Ҷиҳати ҳарчи бештар мусоидат намудан ба раванди татбиқи бистсолаи эълоншуда мо тасмим гирифтем, ки озмуни навро бо номи «Илм-фурӯғи маърифат» роҳандозӣ намоем ва бовар дорем, ки дар аввалин соли натиҷагирӣ аз ин озмун, ки ба 30-солагии истиқлоли давлатии Тоҷикистон мувофиқ омадааст, шоҳиди дастовардҳои назарраси ҷавонониояндасоз ва ихтироъкору навовар хоҳем шуд.

***

Бо мақсади дастгирии давлатӣ ва тақвияти вазъи иҷтимоии донишҷӯёну магистрҳо ва аспиранту докторантҳо стипендияи онҳо аз 1 сентябри соли 2021 ба андозаи 30 фоиз зиёд карда мешавад.

***

Мо аз соли таҳсили 1997-1998 сар карда, барои ба таҳсил фаро гирифтани духтарони лаёқатманд аз ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис дода, ба он аз соли 2005 писарони болаёқатро низ шомил намудем.

Дар муддати 24 соли амали квотаи президентӣ аз 61 шаҳру ноҳияи кишвар ба 20 муассисаи таҳсилоти олии касбии мамлакат 22209 нафар хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (13388 нафар духтар ва 8821 нафар писар) ба таҳсил фаро гирифта шуданд.

***

Ҳоло дар 20 муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар қариб 7000 нафар ҷавонон бо квотаи президентӣ таҳсил карда истодаанд.

***

Соли 2021 дар кишвар 41 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо фарогирии 245 ҳазор донишҷӯ фаъолият менамояд, ки аз он 17 донишгоҳ, 14 донишкада, 1 академия, 3 филиали муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Федератсияи Россия, филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара, Консерваторияи миллӣ ва 4 муассисаи таълимии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ мебошад.

***

Агар соли 1991 муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро ҳамагӣ 13500 нафар донишҷӯён хатм хатм карда бошанд, дар соли 2020 шумораи хатмкунандагон ба 40000 нафар расидааст.

***

Солҳои 1990-1991 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ 40700 нафар донишҷӯ таҳсил мекард.

Ҳоло дар чунин муассисаҳо қариб 94000 нафар (60500 нафар духтарон) ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

***

Соли таҳсили 1991-1992 дар муассисаҳои таълимӣ аз рӯи 80 ихтисос мутахассис тайёр карда мешуд.

Ин шумора дар соли 2021 ба 206 расидааст.

***

Бо таъсис ёфтани марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва муҳайё гардидани шароити мусоид дар муассисаҳои таълимӣ, хусусан, мактабҳои президентӣ ва литсейҳо барои хонандагони болаёқат дастовардҳои хонандагон дар олимпиадаҳои байналмилалӣ бамаротиб афзудааст.

Агар хонандагони кишвар соли 2011 дар озмун ва мусобиқаҳо 96 ҷоиза гирифта бошанд, пас соли 2019 дар олимпиадаҳои байналмилалӣ, ки дар чандин давлати пешрафтаи дунё баргузор гардиданд, фаъолона иштирок карда, сазовори 251 медал, аз ҷумла 67 тилло, 66 нуқра ва 118 биринҷӣ гардидаанд.

***

Мо аз ҷавонони кишвар умеди калон дорем, ки вақтро ғанимат шуморида, ба хотири ояндаи неки Ватан ва пешрафти давлати соҳибистиқлол, омӯхтани илму дониш, касбу ҳунар, забонҳои хориҷӣ ва аз худ кардани техникаву технологияҳои навтаринро вазифа ва мақсаду мароми ҳаррӯзаи худ қарор медиҳанд.

***

Бояд гуфт, ки ҷиҳати дастгирии наврасону ҷавонон бо қарорҳои Ҳукумати мамлакат якчанд шабакаҳои нави телевизионӣ, аз ҷумла соли 2005 телевизиони «Сафина», соли 2006 «Телевизиони кӯдакону наврасон – Баҳористон», соли 2015 телевизиони «Варзиш» ва дар заминаи он соли 2017 телевизиони «Футбол» ва соли 2020 «Илм ва табиат» таъсис дода шуданд.

Ҳадафи мо аз тамоми тадбирҳои амалигардида ин аст, ки насли оянда, яъне фарзандони мо бесавод намонанд.

Зеро яке аз сабабҳои асосии майл пайдо кардани одамон ба хурофот, ифротгароӣ ва радикализми динӣ маҳз бесаводист.

***

Падару модарони муҳтарами мо, инчунин, вазифадоранд, ки ба масъалаи ба зиндагии мустақилона омода кардани фарзандони худ бисёр ҷиддӣ муносибат намоянд.

Тибқи маълумот дар се солу чор моҳи охир дар кишвар 252 ҳазор ақди никоҳ ба қайд гирифта шудааст.

Вале дар ҳамин давра қариб 38500 оилаҳои ҷавон пош хӯрдаанд, ки ниҳоят ташвишовар мебошад.

Дигар ҳолати нигаронкунанда никоҳи хешутабории наздик мебошад, ки падару модарон набояд онро нодида гиранд.

Тибқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар се соли охир аз 9,5 фоиз то 13 фоизи кӯдакон дар чунин оилаҳо маъюб таваллуд шудаанд.

***

Мо умед дорем, ки ҷавонони мо ҳамчун табақаи аз ҳама фаъоли ҷомеа минбаъд низ ташаббусҳои созандаро амалӣ менамоянд, дастовардҳои истиқлоли давлатӣ – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро ҳифз мекунанд ва дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии давлатамон боз ҳам фаъолона ширкат меварзанд.

***

Истиқлолу озодӣ муқаддастарину азизтарин неъмат ва бузургтарину арзишмандтарин сарват барои ҳар як миллат ва халқ мебошад.

Бинобар ин, мо бояд шукронаи ин неъмати бебаҳоро ба ҷо оварем ва барои ҳимояи он ҳамеша омода бошем.

Зеро таҷрибаи ҳар давлате, ки роҳи рушди мустақилонаро пеш гирифтааст, нишон медиҳад, ки истиқлолу озодӣ ҳамеша ниёзманди ҳимояи ҷиддӣ аст.

# ЗАҲМАТҲОИ ПАЙВАСТАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БАҲРИ ПОЙДОРИИ МИЛЛАТ



Сахми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди давлати навини тоҷикон воқеан беандоза аст. Маҳз бо заҳмату талошҳои шабонарӯзии ин абармарди хирад ва родмарди сулҳи тоҷикон Тоҷикистони азизу маҳбуб аз парокандашавӣ эмин ёфт.

Он рӯзҳои сахту нангини солҳои 90-уми асри гузашта бо сар задани ҷанги хонумонсӯз қариб ба парокандашавии миллати тоҷик оварда мерасонид. Мардуми шарифи Тоҷикистон аз тарсу вахм ва начоти ҳаёти худ ба кишварҳои ҳамсоя панох бурданд. Он солҳо Тоҷикистон ҳамчун кишвари ноором дар сарҳати воситаҳои ахбори омма қарор гирифта буд. Дар он шабу рӯзҳои ноором начотбахши миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сари кудрат омад. Барои ба эътидол овардани вазъияти ноороми кишвар, раиси Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон қавл доданд, ки ба мардуми шарифи Тоҷикистон сулҳ меорад ва то гурезаи охиринро ба Ватан барнагардонад, худро ором намешуморад. Албатта, мо ҳама шоҳиди он ҳастем, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардонавор дар гирдоби ин бесарусомониҳои печида ба қавлашон бо сари баланд вафо намуданд.

Бо мақсади ба эътидол овардани вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар Президенти навинтихоби Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷони худро дареғ надошта, дар он давраи ноором якчанд маротиба ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон сафар намуда, аз мардуми шарифи тоҷик даъват ба амал оварданд, ки ба ватани аҷдодиашон баргарданд. Ҳамзамон бо нерӯҳои гуногуни сиёсӣ ва мухолифин якчанд гуфтушунидҳо анҷом дода, ниҳоят санаи 27- уми июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия бо ташаббус ва ҷоннисориҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид, ки ин воқеаи муҳимми таърихӣ садсолаҳо дар қалби тоҷикон боқӣ хоҳад монд.

Албатта, бо ин ҳама Сарвари давлат қонеъ нагардида, баҳри пешравии Тоҷикистон ва некуаҳволии мардуми шарифи он пайваста талош меварзанд. Имрӯз ватани маҳбубамон - Тоҷикистон тахти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи ҷаҳонӣ бо қадамҳои устувор ба пеш меравад. Нуфузу эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни ҷомеаи башарӣ ҳамчун давлати ташаббускор ва созанда дар пешниҳодҳои бенazири Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла татбиқи ташаббуси чорум дар соҳаи об – «Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" бо иштироки Роҳбари давлат дар Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид ва ҳамкориҳои зич бо Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Аврупо, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо ва дигар шарикони рушд, инчунин баргузории конфронсҳои сатҳи баланди байналмилалӣ, аз қабили муборизаи муштарак бо терроризму ифротгароӣ ва тундгароии хушунатомез асос меёбад.

Дар ин радиф давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо ин вабои аср аз тамоми имконот истифода мебарад. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ зимни кушодашавии конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар шаҳри Душанбе дар мавзӯи "Муқовимат бо терроризм ва экстремизм" қайд намуданд, ки яке аз омилҳои паҳншавии терроризм интернет мебошад. Бар ин асос, ташкилотҳои террористӣ технологияҳои иттилоотии замонавиро фаъолона истифода мебаранд. Аз ҷумла, онҳо шабакаҳои интернетиро барои ташвиқу тарғиби экстремизм, ҷалби насли наврас ва ҷавонон ба сафҳои худ, омода ва роҳбаладии онҳо барои амалҳои зишт ва харобиовар истифода мебаранд. Вобаста ба ин, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд, ки "Терроризм ватан, забон, наҷод ва дин надорад. Ин бадбахтии оламшумуле гардидааст, ки ба муқобили он якҷоя мубориза бурда, ба ҳамдигар кумак расонида, тадбирҳоро мувофиқ сохтан зарур аст".

Қобили зикр аст, ки бо заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои рушд ва барои зиндагии шоистаи мардум дар мамлакат бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодиёти кишвар ва дар ин замина амалишавии чор ҳадафи тақдирсози стратегии Ҳукумати мамлакат: истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бумбасти коммуникатсионӣ, амнияти озуқаворӣ, саноатикунонии босуръати кишвар корҳои зиёде ба анҷом расида истодаанд. Вобаста ба амалишавии ҳадафҳои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар 16 – уми ноябри соли 2018 ба кор андохтани аввалин агрегати НБО "Роғун" ва 9 – уми сентябри соли 2019 ба кор андохтани агрегати дуюми НБО "Роғун" аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қадами устувор дар рушди на танҳо Тоҷикистон, балки манотиқи Осиёи Марказӣ гардид. Ин рӯйдоди воқеан муҳим дар таърихи миллат бо хатҳои заррин асрҳо боқӣ мемонад.

Бешубҳа, заҳматҳои шабонарӯзии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои миллат беандоза аст. Мутаассифона, ин талошҳои Пешвои миллат баҳри пойдории миллат аз ҷониби нотавонбинони бенангу номус ва хоинони миллат дар хориҷи кишвар бо дастгирии хоҷагонашон тариқи шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ мавриди навиштаҳои муғризона қарор гирифтааст ва меҳоҳанд мардуми меҳнатдӯсту ватандӯсти тоҷикро баҳри амалишавии ниятҳои нопок ва манфиатҳои ғаразноки худ ба гумроҳӣ андозанд. Албатта, мардуми бонангу номус, фарҳангсолор ва шарафманди тоҷик ба ин даъватҳо дода нашуда, дар пайравии Пешвои миллат устуворона қадам мениҳанд ва Ватани азизамонро боз ҳам ободу зебо намуда истодаанд. Далели ин гуфтаҳо дигаргуниҳои куллии бавуҷудомада дар рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ шуда метавонанд.

Бахусус, ба истиқболи ҷашни бузург – 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми шаҳру ноҳияҳои мамлакат сохтмони иншоотҳои замонавӣ, таъсиси корхонаҳои саноатию истеҳсолӣ ва дар ин замина бо кор таъмин намудани аҳолӣ, сохтмони мактабҳои замонавӣ ва бо ашёҳои муосири хониш таъмин намудани онҳо ва ғайра амалӣ гардида истодааст.

Инчунин, дар фазои сулҳу оромӣ ва амнияти дар пойтахти кишвар - шаҳри Душанбе тахти раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардидани чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ, аз ҷумла 20-солагии Созмони ҳамкории Шанхай ва Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ, ки дар назар аст, далели ҳамкориҳои судманд, сиёсати муваффақонаи хориҷӣ ва тинҷиву оромии Ватани маҳбубамон мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳар як фарди бонангу номуси миллат бояд аз ташаббус ва заҳматҳои Пешвои миллат ибрат гирифта, сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлатро пеша намояд ва фаъолияти худро ба нафъу пешравии ҷомеа равона созад. Ҷашни бузурги миллӣ – 30-солагии Истиқлолияти давлатиро дар сатҳи баланди сиёсию фарҳангӣ баргузор намуда, зери шиори "Тоҷикистон бо Пешвои миллат ба пеш!" ҳаракат намоем.

**Ф.М. ҒАФФОРОВ,**
**муовини ректор оид ба инноватсия ва технологияҳои таълимӣ**

# ҶАВОНОН - ОЯНДАИ МИЛЛАТ

Ояндаи ҳар як миллат ҷавонони бо илму фарҳанг ва баору номуси он ҳастанд, ки бо созандагии худ метавонанд обрӯю эътибори миллати хешро дар байни оламиён баланд бардоранд ва боиси ифтихору сарбаландии халқу Ватани хеш гарданд.

Ҷавононе, ки беҳтарин сифатҳои маънавию ахлоқӣ, дили гарму нияти нек, софдилию ростқавлӣ, шахсияти мубориз, эҳсоси баланди ватандӯстӣ, омодагӣ дар роҳи ҳимояи ватан ва музаффариятҳои онро дар замири худ парвариш ва ҷо додаанд, қодиранд чароғи фарҳангу маърифати абадзиндаи миллати хешро, ки имрӯз беш аз ҳарвақта ба неруи созанда эҳтиёҷ доранд, фурӯзон кунанд.

Имрӯзҳо таълиму тарбияи наврасону ҷавонон яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсати пешгирифтаи иҷтимоии давлат ба шумор меравад, зеро ҷавонон қувваи созандаи имрӯзу фардоянд, ки бо худ акидаю назарияҳо ва мояи аслиу ҷавҳари ахлоқии миллатро пеш мебаранд ва ба ин васила ҳамоҳангии наслҳоро таъмин месозанд.



Дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намудани ҷавонон бевосита аз оила ва мактаб сарчашма мегирад. Дар ташаккули шахсият ва тарбияи наврасону ҷавонон на танҳо шароиту муҳит, балки боз мавқеи онҳо дар ҳамин шароиту муҳит, муносибаташон бо олами атроф аҳамияти махсус дорад. Аз ин рӯ, ҳар як омӯзгор ҳангоми фаъолияти кории худ тамоми ин ҷанбаҳоро ба назар гирифта, кӯшиш менамояд, то шавқу завқи ҳар як шогирди худро ба пуррагӣ, дақиқнигорона санҷида баромада, роҳи интихобкардаи онҳоро дар тамоми самтҳо муайян ва дастгирӣ намояд.

Илм ҳамеша пешқадам буд, ҳаст ва мемонад. Ҳамасола иштироки наврасон дар олимпиадаҳои фаннӣ яке аз воситаҳои фаъолгардонии хонандагон баҳри рушду инкишофи илму дониш ба ҳисоб меравад. Тахти сарварии бевоситаи ҷонишини аввали директор оид ба корҳои таълим ва тарбия Аҷиҷмил Гулнора Ҷамиловна омӯзгорони фаннӣ бо хонандагон дар давоми соли хониш кор мебаранд ва онҳоро баҳри иштироки фаъолона омода месозанд. Соли ҷорӣ низ натиҷаҳо хуб буданд. Дар соли хониши 2020-2021 хонандагони зерини литсей дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намоён гардиданд: Бахтиёри Хайриддин, хонандаи синфи 7 "е" аз фанни биология, ҷойи 2 – юм (омӯзгор С. Одинаева), Лайлӣ Валиева, хонандаи синфи 7 "в" аз фанни география, ҷойи 1-ум (омӯзгор Ҳ. Бобоҷонова), Зиёратшоҳ Абдуғаффорзода, хонандаи синфи 11 "а" аз фанни алгебра, ҷойи 3- юм (омӯзгор Р. Ҳасанова), Нуршед Ёров, хонандаи синфи 11 "б" аз фанни ҳуқуқи инсон, ҷойи 3-юм (омӯзгор Х. Солеҳова), Самира Алимова, хонандаи синфи 7 "г" аз фанни забони русӣ, ҷойи 3-юм, (омӯзгор П. Акрамова).

Дар анҷоми озмун аз ҷониби вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муҳаммадюсуф Имомзода ва муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғанизода Гулчеҳра Самӣ ба ғолибон медалҳои биринҷӣ, нукра, тилло ва туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуданд.

Хуллас, мо – омӯзгорон, рисолати бузургеро бар дӯш дорем, ки он қабл аз ҳама таълиму тарбияи наслиояндасози ҷомеа мебошад. Аз ин рӯ, дар ин ҷода ба ҳеҷ ваҷҳ набояд ба иштибоҳ роҳ диҳем.

**Роҳила ХАЙЛОЕВА,**
**омӯзгори литсейи инноватсионии "Душанбе"**

# СЕМИНАРИ ОНЛАЙНӢ ДАР МАВЗӮИ “COVID-19 ВА НАҚШИ IT ТЕХНОЛОГИЯҲО”





Тайи рӯзҳои 21-ум ва 22-юми майи соли 2021 бо ташаббус ва иқдоми Маркази технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионии Тоҷикистону Кореяи назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон семинари онлайнӣ барои донишҷӯёну омӯзгорони донишгоҳ дар мавзӯи “COVID-19 ва нақши IT технологияҳо” бо ҷалби мутахассисони варзидаи соҳаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ аз Ҷумҳурии Корея ва Водии Силиконии ИМА баргузор шуда, кори худро бомуваффақият ба анҷом расонид.

Дар кори семинар донишҷӯёну омӯзгорони факултетҳои соҳавии самти ТИК ва мутахассисони маркази технологияҳои компютерӣ ва таълимии донишгоҳ фаъолона ширкат намуданд. Зимни баргузории семинар олимону муҳаққиқон аз тадқиқотҳои навини худ оид ба бартарафсозӣ ва роҳҳои кам кардани зарари пандемия ба ҳозирин маърӯза намуданд. Дар тӯли 2 рӯз 6 маърӯзаи пурмазмуни илмӣ шунида шуд, ки дар баррасии он устодону донишҷӯёни донишгоҳ хеле фаъол буданд. Аз саволу ҷавобҳои иштирокчиён маълум гардид, ки маърӯзаҳо хеле ҷолиб ва фарогири масъалаҳои муҳимми соҳавӣ ва мушкилоти глобалӣ буданд.

Ташкили чунин чорабиниҳои илмӣ ба олимону муҳаққиқон ва донишҷӯёни донишгоҳ дар самти огоҳӣ ва бархӯрдор гардидан аз технология ва тадқиқотҳои навини соҳавӣ дар ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ хеле бамаврид ва муфид ба ҳисоб меравад.

# ТАҶЛИЛИ “РӮЗИ МАРКАЗИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИВУ КОММУНИКАТСИОНИИ ТОҶИКИСТОНУ КОРЕЯ”








Маркази технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионии Тоҷикистону Корея дар мувофиқа бо раёсати донишгоҳ тасмим гирифтааст, ки минбаъд ҳамасола ба хотири натиҷагирӣ аз фаъолияти марказ чорабинии махсуси ҳисоботию фарҳангиро ташкил намояд.

Дар робита ба ин, рӯзи 22-юми майи соли равон нахустин чорабинии мазкур ташкил ва баргузор карда шуд, ки дар он меҳмонон аз ташкилотҳои куриёгии муқими Душанбе ва устодону донишҷӯёни донишгоҳ ширкат варзида, бо таърих ва комёбию муваффақиятҳои навини Ҷумҳурии Корея, дастовардҳои илмию техникии марказ ва фарҳангу маданияти халқи Корея шинос гардиданд.

Бояд гуфт, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳанӯз соли 2017 бо ташкилоти куриёгии WTIT – “Интиқоли технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии ҷаҳонӣ” шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонида буд. Дар доираи шартномаи ба имзо расонидашуда то ин замон тадбирҳои зиёди банақшагирифташуда амалӣ гардиданд ва ҳамасола таҷлил намудани “Рӯзи марказ” низ, яке аз чорабиниҳои муҳиме мебошад, ки барои ташвиқу тарғиб ва натиҷагирӣ намудан аз фаъолияти марказ аҳамияти хеле калон дорад.

**Ахрор ҶАЪФАРОВ,**
**сардори маркази технологияҳои компютерӣ ва таълимии ДТТ**







# ҶАВОНОН – ПАЙРАВОНИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Ҷавонӣ беҳтарин айёми умри инсон аст. Он давраи нотакрору бебозгашт буда, таҳкурсии давоми ҳаёти минбаъдаи ҳар фард дар ҳамин давр тарҳрезӣ мегардад. Агар шахс ба омӯзиши фазлу дониш ва илму ҳунар машғул гашта, соҳибҳунар ва соҳибкасб гардад, ояндааш дурахшон асту роҳи пурпечутоби зиндагиро устуворона паси сар намуда, ба фатҳи қуллаҳои мурод муяссар мегардад.

Аксарияти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки онҳо давомдиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол, неруи созанда ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса ояндаи миллат ва давлат мебошанд. Дар баробари ин, ҷавонони мо дар дохил ва хориҷи мамлакат дар бахшҳои мухталиф таҳсил карда, соҳиби касбу ихтисосҳое шуда истодаанд, ки барои кишвар зарур мебошад.

Дар заминаи ташаббуси Президенти кишвар аз 22 майи соли 1998 23-юми май Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон эълон гардид, ки ин аз мавқеъ ва мақоми хосса доштани ҷавонон гувоҳӣ медиҳад.

Ҷомеа чунон таъсирпазирӣ дорад, ки ҷавонон дар дохили он ба камол расида, ранг ва шакли онро мегиранд. Яъне агар ҷамъият хуб аст, аз маърифат, ахлоқ, тамизу одамгарӣ бархӯрдор аст, пас ҷавонон хуб, бомаърифат, хушахлоқ, ботамизу инсондӯст камол меёбанд. Баръакс, агар дар ҷамъият аз нишонаҳои боло ному нишон набошад, инчунин дар он ҳама чиз сохта ва ба зоҳир зебо намояд, дар ин ҳол ҷавонон ҳам зоҳиран зебо менамоянду дар асл ба пуфаке шабоҳат мегиранд, ки бузург аст, аммо дарунаш танҳо аз бод иборат.

Агар орзуву ҳавас ва фазилатро паҳлуи ҳам гузорем мебинем, ки ҳавасҳо ҳамеша ширин ва ҷолиб будаанд. Фазилат бошад, каме бо душворӣ ба даст меояд. Агар ҷавонон дар интихоби ин ду озод гузошта шаванд, маълум аст, ки ба кадоме майл мекунанд. Ҳол он ки онҳо бояд чунон тарбия дода шаванд, ки бо фазилат ва маърифат ёр ва бо бадахлоқиҳо ҳамеша душман бошанд. Бузургии як миллатро бо он чен мекунанд, ки ҷавононаш то куҷо ба таълим ва тарбия майл доранд, арзишҳои моддиву маънавиаш кадом аст, шуурнокиаш то куҷо мерасад. Инчунин ҳар миллате, ки ҷавононашро дуруст тарбия менамояд, дар хама давр номзад ба пешрафту муваффакият аст, баръакс ҳар миллатеро, ки ҷавононаш ба ҳоли худ гузошта шуда, бо хости худ бузург мешаванд, ба пешрафту муваффақият камтар наздикӣ пайдо мекунад. Зеро, ҷавонон ҳамеша сабукиро меписанданд: ҷое, ки ҳавасҳо ҳаст, лаззату кайфу сафо ҳаст, маърифат ва фазилат барин арзишҳо пушти дар мемонанд.

Беҳуда нагуфтаанд, ки тақдири ҳар миллатеро муайян кардан хоҳед, ба он нигаред, ки ба тарбияи ҷавононаш то куҷо аҳамият медиҳанд...

Мавриди зикр аст, ки дар тамоми суханрониҳо ва вохӯриҳои Пешвои миллат дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ доир ба самтҳои асосии беҳсозандаи ҳаёти мардуми кишвар, зарурати ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта, ғамхории холисона зоҳир намудан ба ҷавонон, танзими анъанаву маросимҳои миллию динӣ супоришҳои судманд пешниҳод мегардад. Махсусан, соли 2017 эълон гардидани "Соли ҷавонон" як иқдоми хеле нек буд. Аммо мутаассифона, баъзе ҷавонон бинобар нофаҳмию гумроҳӣ фирефтаи таблиғоти хатарноки гурӯҳҳои экстремистию террористӣ шуда, шукри ин ҳама шароиту имкониятҳои дар ватан фароҳамовардашударо намекунанд. Манзурам ин аст, ки бархе аз ҷавонони беандеша тавассути сомонаҳои иҷтимоии интернетӣ ба ин гурӯҳҳои террористӣ шомил шуда, оқибати амалҳои номатлубашонро дарк намекунанд, аз каҷравӣ ва худкушиҳои бемаънии дигарон ибрат намегиранд.

Ҳукумати Тоҷикистон ташаббусу пешниҳодҳои созандаи ҷавононро ҳамеша дастгирӣ намуда, барои амалӣ гардидани онҳо имконият фароҳам меорад. Наврасону ҷавонони моро зарур аст, ки ҷавобан ба ин ғамхориҳо тамоми саъю талоши хешро ба донишандӯзӣ, интихоби касбу ҳунарҳои муосир, ободиву пешрафти сарзамини аҷдодӣ, ҳимояи Ватан, рушди техника ва бунёдкорӣ равона созанд.

Ба таъкиди Сарвари давлат "ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, ташаббусҳои созанда пешниҳод намоянд, рамзҳои давлатӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва неруи бунёдгарона ширкат варзанд, амнияти давлат ва шарафу номуси давлатдориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд.

Боиси ифтихор ва фараҳмандист, ки имрӯз мо – ҷавонон неруи пешбарандаи давлат ба ҳисоб рафта, баҳри рушду нумуи кишвари азизамон саҳми худро мегузорем. Мо – ҷавонон имкон дорем, ки бо истифода аз неъмати Истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ дар дилхоҳ гӯшаву канори дунё дар муассисаҳои бузурги давлатҳои тараққикарда таҳсили илм намоему мутахассиси арзандаи касби интихобкардаи худ гардида, баҳри рушду нумуи ватани азизамон хизмати шоиставу содиқона анҷом диҳем. Ифтихор аз он дорем, ки чунин ватани азизу маҳбуб, орому осоишта ва соҳибистиқлол насиби мо гардидааст.

Суханрониҳо ва ҳисси баланди ватандӯстонаи ҷавонони даврони Истиқлолият, ки дар арафаи мафҳумҳои худшиносӣ, худогоҳӣ ва ҳувияти миллӣ озодона ибрози андеша менамоянд, далели ташаккулёбии мафкураи соҳибватанӣ ва хештаншиносии насли созандаи кишвар аст.

Ростӣ, ҷойи таассуф аст, ки бархе аз ҷавонони ноогоҳ ба ин ҳама ғамхориҳои падаронаи Сарвари давлатамон, дастгириҳои ҳамаҷонибаи Ҳукумати мамлакат, сулҳу оромӣ, тинҷию осудаҳолии кишварамон нигоҳ накарда, шомили ҳар гуна гурӯҳҳои экстремистию террористӣ мегарданд.

Ман бо боварии комил мегӯям, ки мо аз он гурӯҳ ҷавононе нестем, ки фирефтаи хоҷагони хориҷӣ гардем.

Мо ҷавонон бо нияти нек ва дилпурона гуфта метавонем, ки баҳри шукуфоӣ ва ободу хуррам гардонидани ватани азизамон саҳми арзандаи худро мегузорем. Имрӯз моро зарур аст, ки баҳри пойдории давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона, ки барои ҳар яки мо шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам овардааст, муттаҳид бошем.

Сарвари давлатамон мо – ҷавононро ҳамчун насли ояндасози миллат ба эҳтирому эҳтиёт кардан, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллӣ, забони давлатӣ омӯхтани таъриху тамаддуни бостонӣ ҳидоят менамоянд. Бояд дар роҳи пиёда кардани ин талабу даъватҳои ватанпарваронаю созандаи Роҳбари давлат собитқадаму соҳибирода бошем.

Мо ҷавононро мебояд, ки барои ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими Истиклолияти давлатӣ, амният ва иқтидори мудофиавии кишвар, ки вазифаи инсонӣ ва ҳам фарзандии ҳар яки мост, камари ҳиммат бибандем.

**Шарифзода Нафисаи УМЕДҶОН,**
**донишҷӯи ДТТ**

# СЕМИНАР - МАШВАРАТИ "МАРКАЗИ МИЛЛИИ ПАТЕНТУ ИТТИЛООТ"



18-уми майи соли 2021 дар донишгоҳ аз ҷониби муассисаи давлатии "Маркази миллии патенту иттилоот" семинар-машварати фаҳмондадиҳӣ бо омӯзгорон, докторантон, магистрантон ва донишҷӯёни болаёқат гузаронида шуд.

Семинар бо сухани ифтитоҳии муовини ректор оид ба илм ва татбиқот А.Ғаффоров оғоз ёфт. Сипас ҳуқуқшиноси идораи патенту иттилоот Боҳирзода Фарҳод дар бораи ҷанбаҳои ҳуқуқии ҳифзи моликияти зеҳнӣ, сардори санҷиши давлатии ихтироот ва намунаҳои саноатӣ Сорбони Саидҷалол дар бораи ҳуҷҷатҳои лозима барои гирифтани патент ва тартиби гирифтани он, ва сармутахассиси коршиноси раёсати бақайдгирии байналмилалии тамғаҳои молӣ Мамнуна Раҳматова дар бораи тамғаҳои молӣ ҳарф зада, маълумоти муфассал доданд.

Дар хотимаи семинар-машварат нотиқон доир ба саволҳои омӯзгорон, докторантон, магистрантон ва донишҷӯён, ки марбути масоили зикргардида буданд, ҷавобҳои қаноатбахш доданд.

**Департаменти илм ва татбиқот**

# РОҲУ УСУЛҲОИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ ЧИНӢ ДАР ЛИТСЕЙИ ИННОВАТСИОНИИ "ДУШАНБЕ"-И НАЗДИ ДТТ

Омӯзиши забони чинӣ аз синфи 1-ум то 5-ум дар ҳаҷми 36 соат гузаронида мешавад. Ҳар як соати барнома барои аз худ намудани лексикаи нав, намунаи ҷумлаҳо ва машқҳо пешбинӣ гардидааст.

Мақсади асосии маҳфили забони чинӣ ин ташаккул ва такомули чор рукни фаъолияти муоширатӣ (шунида фаҳмидан, ҳарф задан, хондан ва навиштан)-ро дарбар мегирад. Ин чор мақсад бо роҳи амалӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ гузаронида мешаванд.

Мақсади амалии таълимӣ мақсади асосӣ маҳсуб мешавад. Зери мафҳуми "мақсади амалии таълим" чун воситаи муошират омӯзонидани забони чинӣ фаҳмида мешавад. Муошират – ин мубодилаи афкори тарафайн мебошад. Фаъолияти муоширатӣ инчунин фарогирии ду навъ амалиёти дигар аст: хондан ва навиштан. Дар хониш донистани луғат ва грамматика талаб карда мешавад.

Дар баробари амалӣ гардониданi мақсади муоширатии таълим дигар мақсадҳои он (таълимӣ, тарбиявӣ) низ омӯзонда мешаванд. Ҳангоми хондани матнҳо хонандагон бисёр ҳодисаҳоро бо забони модарии худ муқоиса мекунанд ва хулоса мебароранд, ки ин барои мукаммалтар шудани дониши забони модарии онҳо имконият фароҳам меоварад.

Одатан дар синфҳои ибтидоӣ дарсҳо бо тарзи шифоҳӣ ва тавассути бозиҳо, хондани шеър ё суруд, муошират аз рӯи расмҳо гузаронида мешаванд, ки он ба туфайли такрор ба такрор дарк кардани ҳодисаҳои забони чинӣ – калимаю ибораҳо ва ҷумлаҳо мебошанд.

Дар синфҳои 5 бошад, ба талаффузи ҳиҷоҳо, навиштани иероглифҳо, тарҷумаи матнҳо ва иҷроиши машқҳо оид ба грамматика диққати асосӣ дода мешавад. Дар вақти таълими талаффузи забони чинӣ таҷрибаи лингвистии хонандагон аз забони модарӣ ба инобат гирифта мешавад. Мақсади асосии грамматикаи забони чинӣ – ин ташаккул ва инкишоф додани малакаи грамматикии хонандагон дар ҳарфзанӣ, шунида фаҳмидан, хониш ва навишт мебошад. Дараҷаи фаҳмиши матнро тавассути саволу ҷавоб, пурсиши шифоҳӣ ё худ бо роҳи тарҷума, ҷумлаи дурустро дарёфтан ва ғайра санҷида мешавад.

Бо ҳамин тарз, хонандагон то охири сол бояд дар мавзӯъҳои "Оила", "Хариду фурӯш", "Мактаб", "Фаслҳои сол", "Рақамҳо" ва ғайраҳо фикрашонро ба таври хаттӣ ва шифоҳӣ озодона баён карда тавонанд.

**Азизмо ПАНАКОВА,**
**омӯзгори литсейи инноватсионии "Душанбе"**

# ДОНИШ ҲАР ҚАДАР БЕШТАР БОШАД, ХАТО КАМ МЕШАВАД

## (дар ҳошияи иқдомҳои созандаи Пешвои миллат доир ба саводноккунии ҷомеа)

Дар таърих номи шоҳони бузург бо маорифпарварӣ ва донишдӯстдорӣ зиндааст. Ва онҳоро гузаштагону имрӯзиёнуояндагон эҳтиром мекунанду дӯст медоранд. Чунки хубӣ ҳеҷ гоҳ фаромӯш намегардад, касе, ки бо роҳи рост бо фурӯғи дониш рафт, дар дили инсонҳо ҷойгоҳи худро пайдо хоҳад кард. Созандатарин иқдомҳо дар давоми 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Пешвои миллат роҳандозӣ гардиданд, ки чашми кӯр низ онро эҳсос мекунад.

Подшоҳе аз ҳакиме пурсид: - роҳи осон пешбурдану обод намудани давлату ҳукуматро меҳоҳам ба ман биёмӯзӣ. Ҳаким гуфт: - ин он қадр душвор нест, бо андаке талош метавонӣ ба ҳама ин хостаҳоят бирасӣ.

Подшоҳ гуфт: - хуб роҳу равиши ин корро ба ман нишон деҳ, ки мардуми донишманд дониш дар осон кардани корҳои душвори мардумон дареғ надоранд.

Ҳаким гуфт: - мардумро ба хондани китоб талқин кун, хату савод биёмӯз. Чунки ҳар қадар дониш бештар бошад, хато кам мешавад.

Агар ҷамъият босавод бошад, худ дар обод кардани кишвар кӯшиш хоҳанд кард ва сулҳу дӯстиро пешаи худ хоҳанд донист.

Созишу дӯстиву ҳамкорӣ кардан бо як нодон душвортар аст, аз он ки бо як миллати босавод созиш кунӣ ва онҳоро раҳбарӣ кунӣ.

Аз ин бармеояд, ки дар замонҳои қадим ҳам аҳамияти китобхониву донистанро барои ҷамъият аввалиндарача шуморидаанд.

Чунки китоб маҳсули донишҳои гирдовардаи чандасраи донишмандони башарият аст, ки ҳаёти худро дар ковишу ҷустуҷӯи роҳҳои беҳтару хубтари зиндагӣ барои инсон сарф кардаанд.

Бо як дақиқа фикр кардан мефаҳмем, ки мо ҳамеша ба китоб ниёз доштем, айни ҳол ниёз дорем ва оянда низ ниёз хоҳем дошт.

Чунки агар хоҳем хуш сухан кунем, ба хондани китоб ниёз дорем.

Агар хоҳем худро ва дигаронро табобат кунем, боз ҳам ба китоб бояд рӯй биёварем.

Агар хоҳем ахлоқи хуш дошта бошем, бояд бо китоб зиндагӣ кунем.

Агар хоҳем ихтироъкор бошем, бояд роҳи ихтироъкориро дар китоб ҷустуҷӯ кунем.

Ва инчунин тамоми касбу ҳунар ба китоб вобаста аст.

Имрӯз, технология пеш рафтааст ва шароиту ҳолати халқ ранги дигар гирифтааст ва аз як ҷиҳат роҳҳои дурро наздик карда, мубодилаи афкорро барои ҳама осон кардааст. Дар ин росто чанд мушкилӣ ҳам ҷой дорад, ки барои ҳалли онҳо аҳли ҷамъият бояд зираку донишманд бошад, то ба ҷоҳи дар роҳ кандаи бегонагон ва домҳои сад ҳазор ҳалқадорашон наяфтад.

Аввалину беҳтарин фоидаи илм ҳамин аст, ки ба инсон қудрате мебахшад, ки хубро аз бад шиносад ва роҳи ростро дарёбад.

Барои зинда будан ҳам китоб бояд хонд.

Барои ҳифзи ту ҳар ҳарф як сипар бошад.

Ба ҳеҷ кас пинҳон нест, ки миллати мо рӯзҳои душворро пушти сар кард. Душворӣ кашиду аз китоб даст накашид.

Ҷон доду номусро пос дошт!

Дар лаҳзаҳои душвортарин ҳам бузургони худро фаромӯш накард.

Акнун, ки ҷангу ҷӯш пушти сар шудааст ва дар як замони тинҷиву оромиву осудагӣ зиндагӣ дорем, ба рӯи мо дарҳои мактабу китобхонаҳо боз аст.

Ҳукумат барои мо шароит фароҳам овардааст то бароиояндаи худ кӯшиш кунем ва соҳиби донишу илму маърифат шавем.

Мо бояд қадри ин даврони сулҳу суботу оромиширо донистa, дар пайи омӯзиш шавем тоояндаи худ ва ояндагонамонро ободтару зеботар кунем.

Ва аз омӯхтану гирд овардани



илм наҳаросем, чунки китоб чизе нест ҷуз некӯӣ ва таҷрибаву ҳикояту ибрат.

Беҳтарин роҳи шавқманд кардани инсонҳо ба китобхонӣ ташкил кардани озмунҳои ҷумҳуриявӣ ба монанди ,,Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", ки дар вуҷуди халқ шавқу рағбату хоҳиши китобхониро бедор мекунад.

Худ ба худ мегӯям, хуш ба ҳоламон ба шукрона мекунам, дар замоне зиндагӣ дорем, ки илму дониш қадр дорад, донишманд роҳёб аст ва сулҳу суботу дӯстӣ ҳукмрон аст.

**Ситора АБДУМУМИНЗОДА,**
**муовини ректор оид ба тарбия**

# ТЕРРОРИЗМ И ЭКСТРЕМИЗМ – УГРОЗА ОБЩЕСТВУ

Влияние ислама, не просто как религии и слова пророка Мухаммада, но как политической силы, не уменьшается по всему миру. Причем касается это не только традиционно мусульманских, но и демонстративно светских государств.

Группа исследователей и политологов, проанализировали исторический опыт стран Центральной – Азиатского региона в течении последних 25 лет.

Особо заметны эти тенденции в этом регионе, где процесс религиозного исламского возрождения начался сразу после крушения СССР и в значительной степени не завершился до сих пор.

В Таджикистане, как это хорошо известно, процесс религиозного подъема среди населения вскоре стал одной из причин кровопролитной и разрушительной гражданской войны 1992—1997 годов.

Демократические настроения и требования политических свобод тесно переплетались с требованиями свободы вероисповедания. Большинство жителей молодой республики просто хотели получить возможность беспрепятственно ходить в мечеть и получать религиозное образование.

Однако некоторые довольно радикальные граждане не ограничивались требованием политических и религиозных свобод и хотели создания в стране мусульманского государства по типу соседнего Ирана.

Действующая власть РТ с такими требованиями согласиться, понятное дело, не могла, а условные «исламские демократы» особого компромисса с правительством также не искали. В стране началась война.

После нескольких лет боевых действий установилось перемирие: вооруженные группировки исламистов складывали оружие, а взамен их представители получали государственные должности и определенное число мест в парламенте Таджикистана.

Так сложилась небывалая, по меркам региона, ситуация, когда мощнейшая оппозиционная сила была легальна и представила в структуру власти религиозное движение — Партия исламского возрождения Таджикистана (ПИВТ), которая была запрещена в сентябре 2015 года.

В своём выступление на встрече с представителями общественности страны в связи с наступлением священного месяца Рамадан - Основатель мира и национального единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон отметил: «В современном мире терроризм и экстремизм всё больше распространяются в различных регионах стран мира и ежедневно становятся причиной гибели сотен мирных жителей и скитания тысяч невинных людей по миру. Это явление в результате политизирования Ислама превратилось в большую мировую угрозу.

Мы с вами почти каждый день через СМИ узнаём о том, как тысячи людей в мусульманских странах по причине отсутствия безопасности покидают свою Родину и дома, в поисках спокойного уголка лишаются жизни на дорогах, границах других государств и в морях.

Видеть такие страшные картины особенно тяжко и болезненно для нас. Потому что некогда и нашу страну выставляли напоказ всему миру как пылающую огнём войны точку. Благодаря мудрой политике президента РТ Эмомали Рахмона, разуму и воле нашего цивилизован-



ного народа, мы смогли выбраться из этого смертельно опасного водоворота. Но в условиях очень не спокойного мира, имеет смысл вспомнить о тех грозных днях.

В своё время определённые заинтересованные круги со злоупотреблением религии и веры и с целью создания исламского государства втянули и нас в навязанную гражданскую войну. Наш народ никогда не забудет о тех страшных днях и думаю, что не забудет никогда. Недоброжелатели нашей нации и сейчас руками своих подкупленных подопечных, то есть врагов нации, находящихся за рубежом, продолжают действовать против нашего государства.

Подкупленные изменники нации предали свою веру и мазхаб и через средства информации клевещут на свой народ и оскверняют нашу древнюю историю и культуру. Таджикский народ не должен терять политическую бдительность и всегда обязан быть начеку. Совершение террористических актов и радикальных действий от имени священной религии Ислама сегодня превратилось в порочащее явление. Мы решительно придерживаемся мнения, что Ислам ни в коем случае нельзя смешивать с предвзятыми политическими целями. Ислам — это наша религия, наша вера и источник чистоты нашей жизни. Ислам должен служить для формирования духовности и чистоты человеческой жизни. В настоящее время Таджикистан сотрудничает со странами мира и авторитетными мировыми организациями в направлении противостояния современным угрозам и опасностям, в том числе терроризму и экстремизму.

Один из факторов стремительного распространения таких явлений, как терроризм и экстремизм — это широкое использование современных информационных технологий. Сегодня, к сожалению, Интернет используется террористическими и экстремистскими группировками с целью распространения экстремистских идей, привлечения в свои ряды новых членов, подготовки и руководства ими разрушительных действий.

Те, кто превращают Ислам в средство борьбы за власть и претендуют на так называемое исламское государство, не понимают, что они на этом скользком пути смешивают свою веру и совесть с нечестивыми целями и упускают из рук Ислам как испытанный веками источник воспитания совершенного человека.

**Дилрабохон РАШИДОВА,**
**кандидат экономических наук и.о. доцента кафедры экономической теории и экономики развития Технологического университета Таджикистана**

# ПОСИ ХОТИР

Дар доираи нақша-чорабиниҳои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҷиҳати сазовор пешвоз гирифтани 76-умин солгарди ҷашни Ғалаба санаи 7-уми майи соли 2021 дар толори Шӯрои олимони донишгоҳ мизи мудаввар таҳти унвони “Поси хотир” баргузор гардид.

Дар кори мизи мудаввар муовинони ректор, деканони факултет, мудирони кафедра ва донишҷӯёни донишгоҳ ширкат варзиданд.

Нахуст муовини ректор оид ба тарбия Ситора Абдумуминзода табрикоти ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темурро ба аҳли толор қироат намуд ва ҳозиринро бо ин санаи фархунда самимона муборакбод гуфт.

Сипас, доир ба аҳамияти таърихии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, корнамоиҳои ҷанговарони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла фиристодагони Тоҷикистон, нақши Ғалабаи бузург дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон, эҳтиром ва арҷгузорӣ ба собиқадорони ҷанг ва меҳнат аз ҷониби маърӯзачиён К.Карамалишоев-муаллими кафедраи фанҳои гуманитарӣ, Р.Шарифов - афсари интернатсионалист маърӯзаҳои пурмазмун манзури аҳли толор гардонида шуд. Донишҷӯёни фаъоли донишгоҳ дар бораи корнамоиҳои ҷанговарон аз эҷодиёти шоирон порчаҳои шеърӣ қироат намуда, саҳнаи ҷолиберо манзури аҳли толор гардониданд.

**С. БЕГМУРОДОВ**







# КОРНАМОИҲОИ ФАРЗАНДОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҶАНГИ БУЗУРГИ ВАТАНӢ

Ҷаҳони капитализм дар арафаи ҷанги дуюми ҷаҳон гирифтори бӯҳрони шадиди иқтисодӣ гардида буд ва роҳи халосӣ аз ин ҳолатро дар ба амал овардани ҷанги нави ҷаҳонӣ медид. Идеологияи фашизм, ки ҳукмронии синфи коргару деҳқонро намепазируфт, дар ниҳоят бо мақсади дорои замину сарват ва ҳудудҳои нав шудан ва бадастовардани даромадҳои бедардимиён, ҷанги дуюми ҷаҳониро ташкил ва роҳандозӣ намуд.

Бо ин мақсад давлатҳои пешсафи сармоявӣ: Англия, Франсия ва Америка Германияи фашистиро бар зидди Иттиҳоди Шӯравӣ сафарбар намуда, мақсад доштанд, ки давлати ягонаи коргару деҳқонро решакан созанд.

Ин намуди ҷанги хонумонсӯз ва фоҷиаи мудҳишро дар таърихи худ башарият аз сар нагузаронида буд. Ҷанги дуюми ҷаҳон (1939-1945) аз рӯи миқёсу андоза даҳшатноктарин ҷанг дар таърихи башарият маҳсуб меёфт, ки дар он зиёда аз 72 давлати хурду бузурги олам иштирок намуда, амалиёт ва набардҳои ҳарбӣ дар ҳудуди 40 давлати ҷаҳон гузаронида шуда буданд. Тибқи маълумотҳои ҷойдошта теъдоди сафарбаршудагон ба ҷанг зиёда аз 110 млн. нафарро ташкил дода буд.

Ҷанг кишварҳои зиёдеро ба харобаҳо мубаддал сохт ва беш аз 50 млн. нафар қурбон ва садҳо миллион нафар аҳолии мамлакатҳое, ки ба гирдоби ҷанг кашида шуда буданд, ба маҳрумияту азоби тоқатшикан гирифтор гардиданд.

Дар таърих аз моҳи июни соли 1941 то моҳи майи соли 1945 рафти Ҷанги Бузурги Ватанӣ сабт гардидааст, ки Олмони фашистӣ бар зидди Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ 190 дивизия ва қувваю техникаи зиёди ҳарбиро бо нақшаи “Барбарос” ба истилоҳи давр-ҳуҷуми барқвор, равона сохт ва дар се моҳ ин ҳудудро аз они худ карданӣ буд. Аммо нақшаи истилогарони фашист барбод рафт ва дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ бар зидди таҷовузи Германияи фашисти халқҳои ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ муттаҳид гардида, ҳамагон баҳри дифои Ватан, баҳри ғалаба бар зидди истилогарони фашизм бархестанд. «Ҳуҷуми барқвор»-и гитлерчиён барбод рафт.

Ба ғалабаи бузурги халқҳои ИҶШС бар фашизм 76 сол пур шуд. Ин ғалабаи Артиши Шӯравӣ, ки зери роҳбарии Ҳизби коммунистӣ ва шахсан генералисимусс И. В. Сталин баҳри озодии башарият ва алалхусусс мардуми меҳнаткаш аз зулми фашизм амалӣ гардидааст, дар хотираҳо абадӣ боқӣ хоҳад монд.

Ғалаба бар фашизм бар ивази фидокорию ҷонбозиҳои садҳо миллион мардуми Иттиҳоди Шӯравӣ дар набардҳои хунину бераҳмонаи солҳои 1941-1945 ба даст омадааст ва он то ба имрӯз ҳамчун Ҷанги Бузурги Ватанӣ ном бурда мешавад.

Зарур аст, то донем, ки ҷанг дорои якчанд фронтҳо-ҷабҳа ё самтҳо буда метавонад.

Дар аввал фронти асосӣ, ки амалиётҳои ҷангӣ ба он марбутанд ва сарбозону афсарон бо яроқу аслиҳа бо душман меҷанганд.

Дуввум, ин ҷабҳаест, ки таъминкунандаи фронтҳо бо хӯрока, сару либос, аслиҳаи ҷангӣ, техника ва монанди инҳо маҳсуб меёбад.

Сеюм, ба роҳ мондани “ҷанги партизанӣ” аст, ки дар ҳудудҳои ишғолнамудаи душман ба амал бароварда мешавад, яъне амал менамояд. Ин ҷабҳаест, ки фаъолияти онро дидан номумкин аст... “фронти диданашаванда” ва ё ҷабҳаи амалиётии сохторҳои иктишофию амниятӣ аст.

Ҳабиб Юсуфӣ—шоири ҷанговари тоҷик, ки худ иштирокчии бевоситаи амалиётҳои ҷангии мубориза бар зидди фашизм буд, вазъ ва ҳолати мардуми баруманди давраашро ба таври зайл ба қалам додааст:

**Вақти он аст,**
**Эй қалам!**
**Беррандатар гардӣ зи теғ!**
**Вақти он аст,**
**Эй сухан!**
**Ғуррандатар гардӣ зи барқ!**
**То ба душман ҳамла орам,**
**решааш буррӣ зи беx,**
**То расӣ, манҳус—анҷарро кунӣ**
**бешоху барг!**

Мардуми Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистони азиз ва муътабари мо саҳми бузург ва хело назарраси худро бар фашизм, дар мағлуб намудани истилогарони Германияи фашистӣ дар ҳама самту ҷабҳаҳо ва фронтҳо гузоштаанд, ки ин фаромӯшношуданист:

- дар ҳамон давру замон ғоя ва ё шиори асосие, ки мардум зери он муттаҳид гардида амал менамуданд чунин буд: ”Ҳама барои фронт, ҳама барои Ғалаба” ва халқи тоҷик ба мисли дигар ҷумҳуриҳову халқҳо аз як гиребон сар бароварда, мардонавор ҷангидаанд;

- аз аҳолии якуниммиллионаи РСС Тоҷикистон, 300 ҳазор нафар ба набардҳои ҷанг фиристода шуда буданд, ки 92 ҳазори он ҷони худро аз даст доданд.

- тибқи маълумотҳои ҷойдошта зиёда аз 45 ҳазор фарзанди тоҷик, ки дар корхонаҳои мудофиавии Урал ва Сибир фаъолият доштанд, бо хоҳиши худ ба ҷанг мерафтанд;

- ба эҳтиёҷоти ҳарбӣ мутобиқ гардонидани ҳаёти иҷтимоӣ ва хоҷагиро бо як мисол, баррасӣ намудан мумкин аст, ки дар соли 1942 дар Тоҷикистон 29 госпитали ҳарбӣ мавриди амал қарор дошта, маҷрӯҳонро ба табобат фаро мегирифанд, табобатёфтагон зиёда аз 50 ҳазорро ташкил дода буд, ки ҳамаи онҳо аз ҷабҳаи ҷангӣ оварда мешуданд;

- қабул ва ҷобаҷо намудани аҳолӣ, дастгоҳҳои саноатии аз ҷойҳои фарогирифтаи ҷанг эвакуатсияшуда, сохтмони корхонаҳои нави саноатӣ ва зиёда аз 100.000 мардуме, ки аз шаҳрҳои Ленинград, Москва, Киев, Минск ба Тоҷикистон интиқол ва бо хона, ҷойи хобу хӯроку либос таъмин гардонида шуда буданд, аксарияташон макони тоҷиконро Ватани худ меномиданд;

- таъсисёбии қисмҳои ҳарбӣ дар ҳудуди Тоҷикистон: дивизияҳои аспсавори 104 ва 61-ум, бригадаҳои тирандози 98 ва 99-ум, полки аспсавори 45-ум, полки миномётии 179-ум аз ҷумлаи ҳарбиёне буданд, ки омӯзонида, муҷаҳҳаз ва баъдан ба фронтҳо сафарбар мешуданд;

- баҳри сохтани техникаҳои ҳарбӣ ва яроқу аслиҳа, ҷамъоварии тухфаҳо маблағ ва монанди инҳоро дар мисолҳои зерин дида метавонем, ки зиёда аз 1 милрд руб; 40 ҳаз. пуд гандум (1015 тонна); 213 тонна гӯшт; 2014 тонна картошкаю сабзавот; 458 тонна мева; зиёда аз 150 вагон хӯрокворӣ; 532 ҳазор ҷуфт либоси гарм; 123 ҳаз. пӯсти барра; 25 ҳаз. метр матоъ; 993 ҳаз. кг пашм ҷамъоварӣ ва равон карда шуда буд.

Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945, ки фоҷеабортарин дар таърихи инсоният маҳсуб меёфт, бо ғалабаи халқи Шӯравӣ ба анҷом расид. Дар таъмини ғалаба РСС Тоҷикистон саҳми арзанда гузошт. Сарфароз гардидани 55 ҳазор тоҷикистониён бо ордену медалҳо, аз ҷумла 54 нафар бо унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, 19 нафар дорандагони ҳар се дараҷаи ордени Шараф далели гуфтаҳои болоанд.

Тибқи маълумотҳои оморӣ то моҳи майи соли 2021 дар Тоҷикистони соҳибистиқлол 94 нафар собиқадори Ҷанги Бузурги Ватанӣ зиндагонӣ доранд.

**Ҳофиз ҲОФИЗОВ,**
**Шамсуддин АБДУЛЛОЕВ**

# ОМӮЗИШИ ФАННИ МУДОФИАИ ГРАЖДАНӢ ДАР ДДТТ

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Чумҳурии Тоҷикистон дар ҳама самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии мамлакат вазифаҳои мушаххас ба миён гузоштаанд:

**"... кӯшишҳои азнавтақсимкунии ҷаҳон, мусаллаҳшавии бошитоб, қудратталабӣ, бархӯрди манфиатҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва ҷиноятҳои киберӣ торафт шиддат гирифта, ҷаҳонро ба марҳилаи нави ҷанги сард кашонидаанд ва имрӯз баъзе сиёсатмадорону коршиносон ҳатто доир ба хатари ҷанги сеюми ҷаҳон ҳарф мезананд".**

Ин суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар роҳандозии вазифаи асосии мудофиаи гражданӣ, ки муҳофизати аҳолӣ, иқтисодиёт ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, инчунин ҳангоми амалиётҳои ҷангию истифодаи воситаҳои ҳозиразамони маҳв марбут аст, мебинем ва барномаи фан низ дар самти масъули дифоӣ вазифагузориҳо намудааст.

Тибқи барномаи амалкунандаи омӯзишӣ дар ДТТ фани мудофиаи гражданӣ дар баробари соҳаҳои дигар донишҷӯёнро бо донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ бобати азхуд кардан ва дар амал иҷро намудани ин ё он масъала шинос намуда мустаҳкам месозад.

Яке аз чунин масъала он аст, ки доир ба системаи ягонаи давлатии эътино, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, донишу малакаи худро сайқалу такмил медиҳанд. Ҳамчунин қайд намудан бамаврид аст, ки донишҷӯён доир ба баҳо додани натиҷаҳои имконпазири ҳолатҳои фавқулода, вобаста ба вуқӯъ омадани заминҷунбӣ, тармафароӣ, сел, ярч, обхезӣ, сӯхтор ва дигар намудҳои ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ, эпидемияҳо ва таҳдидҳои дигари бехатарии миллӣ мансуб донисташуда соҳиби маълумот мегарданд.

Дигар ин ки донишҷӯён дар раванди омӯзиш тарзи таҳия ва банақшагирию татбиқи тадбирҳои саривақтии ҳифзи аҳолиро дар ҳолатҳои фавқулода, аз ҷумла расонидани кумаки аввалияи тодухтурии тиббӣ ба зарардидагон, тарзи истифода бурдани воситаҳои ҳифзи фардӣ ва монанди инҳоро меомӯзанд.

Фанни мудофиаи гражданӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, ба нақшаи таълимӣ чун фанни махсуси интихобӣ-иҷроишаш ҳатмӣ дохил карда шудааст. Аз ин лиҳоз, дар ҷараёни таълим, дар машғулиятҳо ба донишҷӯён моҳияти чорабиниҳо оид ба эътино, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода ва самти соҳаи мудофиаи гражданӣ фаҳмонида мешавад.

Акнун чанде аз вазифаҳои асосиро, ки фанни мудофиаи гражданӣ ва омӯзгорону мутахассисони соҳа тақозо мекунанд, ёдовар мешавем:

- ба донишҷӯён омӯзонидани қоидаҳои рафтор, усулҳои асосии ҳифзи аҳолӣ, ҳудуд ва иқтисодиёт дар ҳолатҳои фавқулода, қоидаҳои расонидани ёрии аввалин ба осебдидагон;
- такмили малака оид ба ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои мудофиаи гражданӣ ва омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода;
- сайқал додани малакаю маҳорат ҷиҳати гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва корҳои таъхирнопазир дар мадди аввал;

таҳияи корҳои дипломӣ, курсӣ аз тарафи донишҷӯён дар ҳама самтҳои тараққиёти саноат, аз ҷумла устуворгардонии иншоотҳои иқтисодӣ, технологияи муосир, сохтмони биноҳои маишию маданӣ, роҳҳо, кӯпрукҳо ва ғайра бо назардошту риояи қоидаю усулҳои ҳифзи аҳолӣ ва муҳити ҷаҳони имрӯза сурат гирифтанаш аз манфиат холӣ нест.

Паст намудани хавфу хатар ва пурзӯр гардонидани омодагии аҳолӣ дар ҷомеаи соҳибихтиёр ва демократии имрӯзаи мо вазифаест басо пурмасъул, ки дар партави иҷроиши Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030 дарҷ гардидааст.

**Сабзалӣ НИЁЗОВ,**
**омӯзгори фани мудофиаи граждании Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

# КИШВАРҲОИ ХУРДТАРИНИ ҶАҲОН

### ҶАЗИРАҲОИ СЕЙШЕЛ

Ҷумҳурии ҷазираҳои Сейшел, ки дорои 115 ҷазира мебошад, дар ғарби Уқёнуси Ҳинд ҷойгир аст. Масоҳаташ 455 км² буда, аҳолиаш беш аз 90 ҳазорро ташкил медиҳад.

Калонтарин ҷазираи кишвар Маэ (142 км²) ба шумор меравад. Аз соли 1814 то 1976 ба ҳайати Британияи Кабир дохил мешуд.

**Таҳияи Наргис Атоева**



Дар рӯи замин 193 мамлакат мавҷуд аст, ки бо масоҳати худ аз ҳам ба куллӣ тафовут доранд. Агар Руссия бузургтарин давлати олам бошад, кишварҳое ҳастанд, ки аз шаҳрҳои баъзе мамлакатҳо кӯчактаранд. Чунончӣ:

### ҶАЗИРАҲОИ МАРШАЛ

Ин давлат дар Уқёнуси Ором ҷойгир буда, асосан аз ҷазираҳои марҷонӣ иборат аст. Масоҳати кишвар 182 км² ва аҳолиаш 62 ҳазор нафар мебошад. Кишвар дорои захираҳои табиӣ нест ва воридоти мол дар содирот аст.

### ЛИХТЕЙНШТЕЙН



Масоҳати кишвар 160,4 км² аст. Он бо Швейтсария ва Австрия ҳамсарҳад аст ва яке аз сарватмандтарин давлатҳо ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо нисбат ба аҳолӣ дида, ширкатҳои гуногун зиёдтар сабти ном шудаанд

### САН- МАРИНО



Сан - Марино 61 км² масоҳат дошта, дар ин ҷо аҳолии аз ҳама ками кишварҳои аъзои шӯрои Аврупо зиндагӣ мекунад. Он қадимтарин кишвари мустақили ҷаҳон аст, ки 3 – юми сентябри соли 301 таъсис ёфтааст. Ғайр аз ин, Сан – Марино яке аз сарватмандтарин кишварҳо дар ҷаҳон буда, даромадаш аз харoҷоташ зиёд аст.

**Таҳияи Наргис Атоева**

### ТУВАЛУ



Тувалу дар қисми ҷанубии Уқёнуси Ором ҷойгир буда, масоҳаташ ба 26 км2 баробар аст. Ин кишвар чанд ҷазираи марҷонро дар бар мегирад.

Қаблан, ин ҷазираҳо ба Британияи Кабир тааллуқ дошта, ҷазираҳои Эллис ном доштанд. Тувалу соли 1978 мустақилият ба даст овард. Аҳолии кишвар ба 10,5 ҳазор нафар мерасад.

### НАУРУ



Науру дар ҷанубӣ Уқёнуси Ором дар Микронезия ҷойгир аст. Масоҳати он 21,3 км²-ро ташкил медиҳад.

Ҷумҳурии Науру хурдтарин кишвар – ҷазира дар ҷаҳон аст. Он соли 1968 истиқлолиятро ба даст овард, аммо ҷазира да тӯли 3 ҳазор сол барои мардуми аборигӣ чун хона буд. Имрӯз аҳолии кишвар тақрибан 9 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Давлати Науру қувваҳои мусаллаҳ надорад.

**Таҳияи Наргис Атоева**

### МОНАКО



Дуюмин кишвари хурдтарин дар ҷаҳон Монако аст. Дар тӯли 20 соли охир, бо сабаби хушк шудани баҳр, масоҳати кишвар зиёд шуд ва ҳоло он ба 2,02 км2 расидааст. Сохти давлатдориаш монархист. Аҳолиаш ба 30 ҳазор нафар мерасад. Даромади асосиро барои сокинон сайёҳӣ меорад.

### ВАТИКАН

Ватикан шаҳри пӯшида аст. Он дар яке аз минтақаҳои Рим ҷойгир буда, 44 гектар масоҳат дорад. Он соли 1929 таъсис ёфта, попи Рим онро идора мекунад.

Ватикан дорои зеботарин биноҳои ҷаҳон: Копелла Сикстинӣ, Шиморхонаи Пётри Муқаддас, иқоматгоҳи Поп – Қасри Апостолӣ аст. Ғайр аз ин, нисфи кишварро боғҳои Ватикан ишғол мекунанд. Шаҳрвандони Ватикан 800 нафар буда, чанд ҳазор итолёвӣ барои кор ҳар рӯз омада мераванд.

**Таҳияи Наргис Атоева**

# ИШТИРОКИ ФАЪОЛОНА ДАР ДАВИ МИЛЛӢ

Варзиш муҳимтарин шуғли инсон, қабл аз ҳама ҷавонон буда, воситаи муассири беҳдошти саломативу таблиғи тарзи ҳаёти солим ба ҳисоб меравад ва барои таҳкими дӯстии одамон, муаррифии давлату миллат дар арсаи байналмилалӣ нақши бузург мебозад.

Аз ин ҷост, ки Ҳукумати мамлакат бо мақсади рушди варзиш ва оммавигардонии он тадбирҳои зарурӣ меандешад. Дар баробари ғамхорӣ ва фароҳам овардани шароитҳои мусоит як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таҳия ва қабул намуд, ки онҳо ба ташвиқу тарғиби ҳаёти солим, оммавигардонии варзиш, бунёди иншооти варзишӣ ва баргузор намудани мусобиқаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ мусоидат намуданд.




Ҳамасола баргузор намудани Дави миллӣ аз ҷумлаи ҷунин тадбирҳо махсуб меёбад. Дар маъракаи Дави миллии соли ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 16-уми майи соли ҷорӣ баргузор гардид, зиёда аз 500 нафар устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолона ширкат намуданд.

Мавриди зикр аст, ки Дави миллӣ, аз соли 2007, якшанбеи сеюми моҳи май, ҳамасола дар тамоми кишвар гузаронида мешавад. Мақсад аз баргузории чунин маъракаи варзишӣ пеш аз ҳама, оммавигардонии варзиш, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва саҳмгузор будан дар рушди варзиши кишвар мебошад.

**С. БЕГМУРОДОВ**

# ШАҲРАМОНРО ЗЕБИ ДУНЁ МЕКУНЕМ!



Дар доираи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ баҳри сазовор пешвоз гирифтани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 8-уми майи соли 2021 ҷиҳати ободу зебо ва тозаву озода нигоҳ доштани гирду атрофи муассиса, биноҳои факултетҳо, гулбоғи донишгоҳ, қитъаҳои ба донишгоҳ вобасташуда ва хобгоҳи донишҷӯён бо иштироки устодону кормандон ва донишҷӯён шанбегии дастаҷамъона гузаронида шуд.

Корҳои дастаҷамъонаи ободонӣ ва сабзу хуррамгардонӣ, ки ба бoз ҳам бехтар шудани муҳити экологӣ ва зеботар гардидани пойтахти кишварамон-Душанбешаҳр мусоидат мекунанд, минбаъд низ идома меёбанд.



# ФЕСТИВАЛИ ДӮСТИИ ҶАВОНОНИ ДУШАНБЕ

Бо мақсади таҷлил намудани Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, ки бо қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 5 майи соли 2021, №251 тасдиқ шудааст ва баланд бардоштани ҳисси худшиносию худогоҳӣ, таҳкими муттаҳидӣ, дӯстӣ ва ягонагӣ дар байни ҷавонон, табодули маълумот, таҷрибаомӯзӣ ва шиносоӣ аз ҷойҳои фарҳангию фароғатии пойтахт, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва манфиатҳои миллӣ аз 7-ум то 11-уми майи соли 2021 дар шаҳрҳои карда шудааст. Мувофиқи нақша иштирокчиёни фестивал дар Конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 110-солагии Мирзо Турсунзода дар толори Бонки миллии Тоҷикистон, сафар ба шаҳри Турсунзода, тамошои хона-музейи Мирзо Турсунзода, суҳбату воҳӯриҳо бо ҷавонон ва фаъолони шаҳри Турсунзода ба хотири табодули маълумоту таҷрибаомӯзӣ, тамошои барномаи театрии Муассисаи давлатии “Театри таҷрибавии тамошобини ҷавон ба номи М. Қосимов”, иштирок дар ҷорабиниҳои фарҳангии боғҳои фарҳангу фароғатии шаҳри Душанбе бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Шоми дӯстӣ” ва Конференсияи илмӣ - назариявӣ бо ширкати олимону муҳаққиқони ҷавон иштирок намуданд.




Душанбе ва Турсунзода бо иштироки ҷавонони кишвар ва хориҷи он Фестивали дӯстии ҷавонони Душанбе таҳти унвони «Ҷавонон дар масири Истиқлолият ва давлатдории миллӣ» гузаронида шуд.

Маросими ифтитоҳии фестивал дар Муассисаи давлатии фарҳангию фароғатии «Аҳорун» баргузор гардид.

Фестивал дар доираи ҳафтаи ҷавонон бо заҳмату талош ва дастгирии бевоситаи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқиву сиёсии ҷавонон роҳандозӣ

Дар фестивал донишҷӯён-волонтёрони Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолона иштирок намуда, аз ҷониби сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе бо Сертификат сарфароз гардонида шуданд.

**Департаменти корҳои тарбиявӣ**

Фановар

Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.

САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:

Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Ғаффоров Ф.М., Абдумуминзода С.

Нишонии мо: 734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Рӯзнома 25 октябри соли 2020 таҳти № 224/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.

*Рӯзнома дар ҶДММ «Мега принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1500 нусха.*